# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

ба диссертатсияи Матробов Матроб Хурамович дар мавзуи: «Мониторинги қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти назариявӣ-ҳуқуқӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат

**1. Мутобиқати мавзуъ ва мухтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Матробов Матроб Хурамович дар мавзуи: «Мониторинги қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти назариявӣ-ҳуқуқӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, ки аз рӯйи он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7 январи соли 2022, №15/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

**2. Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Таҳияи қонунҳои босифат ва ҷавобгӯъ ба талаботи замон муҳимтарин вазифаи субъектҳои ҳуқуқэҷодкунӣ ва мақомоти қонунгузор мебошад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ бахшида ба 15-умин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин иброз доштанд: «... то кадом сатҳу  дараҷа ҳуқуқбунёд будани давлат аз сатҳу сифати қонунҳои он сахт вобаста аст». Ҳамзамон, беҳтар намудани сифати қонунгузорӣ рушди минбадаи кишварро дар ҳама соҳаҳо – сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ муайян мекунад.

Барои коркард, таҳия ва татбиқи қонун мафҳумҳои техникаи ҳуқуқӣ ё технологияи ҳуқуқ мавҷуд мебошад, ки дар фаъолияти гуногуни ҳуқуқӣ, бахусус, ҳуқуқэҷодкунӣ ва ҳуқуқтатбиққунӣ истифода мешаванд. Дар қатори инҳо, мониторинги ҳуқуқӣ падидаи нисбатан нав мебошад, ки аллакай дар амалияи қонунугузории бисёр кишварҳо бо мақсади такмили қонунгузорӣ мавриди истифода қарор гирифтааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммият ва гузориши масъалаи мазкур дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2008 ироа гардида буд. Дар Паёми хеш Сарвари давлат таъкид намуданд, ки «...масъалаҳои номувофиқатӣ ва мухолифат дар миёни қонунҳо то ҳанӯз аз байн бурда нашудаанд. Дар Паёми мазкур мониторинги санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҳамчун василаи муҳимми таҳлил, арзёбии ҳолат ва дурнамо, инчунин раванди тадбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дарҷ гардид.

Дар робита ба гуфтаҳои боло, зарурати дарки амиқи илмӣ-ҳуқуқӣ ва муайян намудани хусусиятҳои мониторинги қонунгузорӣ дар шароити амалисозии ислоҳоти муосири қонунгузорӣ ба миён омадааст. Бинобар ин, гузаронидани таҳқиқоти комили назариявӣ-ҳуқуқии мониторинги қонунгузорӣ дар доираи ҳуқуқэҷодкунии муосир талаб карда мешавад. Ҳамчунин, мубрамии диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки маводи таҳқиқот метавонад дар васеъ намудани дониш ва фаҳмиши шаҳрвандон оид ба санадҳои гуногуни ҳуқуқӣ мусоидат намояд, зеро мониторинги ҳуқуқӣ дар баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии ҷомеа нақши муҳим дорад.

Аз ин лиҳоз, мавзуи таҳқиқоти мазкур бо назардошти ниёзҳои воқеии рушди низоми ҳуқуқии Тоҷикистон, талаботи назария ва амалияи ҳуқуқӣ, мубрам ва саривақтӣ буда, дорои арзиши назариявӣ ва амалӣ мебошад.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуқтаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навоварии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки дар доираи илми ҳуқуқи ватанӣ бори аввал таҳқиқоти дақиқ ва мукаммал оид ба мониторинги қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуда, ҳамчун падидаи нав дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ маҳсуб мегардад. Дар баробари ин, дар таҳқиқот нахустин маротиба мафҳуми мониторинги қонунгузорӣ ва алоқамандии он бо дигар намудҳои мониторинги ҳуқуқӣ муайян, мақсаду вазифаҳо мушаххас, принсипу усулҳо ва татбиқи ин раванд асоснок, асосҳои ҳуқуқӣ, механизм, марҳала ва талаботи мониторинг таҳлил гардида, ҳамчунин роҳу воситаҳои баланд бардоштани самарабхшии мониторинги қонунгузорӣ пешниҳод шудааст.

Дар раванди таҳқиқот масъалаҳои зерин ба таври муфассал баррасӣ шудааст:

– асосҳои назариявии мониторинги ҳуқуқӣ ва қонунгузорӣ, мафҳум, мақсад ва вазифаҳои онҳо;

– навъбандии шаклҳои мониторинги ҳуқуқӣ;

– тавсифи принсип ва усулҳои асосии мониторинги қонунгузорӣ;

– асосҳои ҳуқуқӣ ва қонунгузории ҷории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои мониторинги қонунгузорӣ;

– мушкилоти амалии гузаронидани мониторинги қонунгузорӣ;

– механизми такмили мониторинги қонунгузорӣ;

– таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ марбут ба истифодаи мониторинги қонунгузорӣ, заминаҳои ҳуқуқӣ, механизм ва фаъолияти субъектҳои ваколатдори он дар дигар давлатҳо;

– тавсия ва пешниҳоди назариявӣ ва амалӣ барои гузаронидани мониторинги қонунгузорӣ;

– ҷанбаҳои назариявӣ-ҳуқуқии мониторинги қонунгузорӣ бо мақсади омӯзиши минбаъдаи онҳо баррасӣ мегарданд.

**4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Асоснокӣ ва эътимоднокии хулоса ва тавсияҳои дар диссертатсия баёнгардида бо истифодаи маҷмуи усулҳои муосири таҳқиқоти илмӣ, таҳлили амиқи адабиёти назариявӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, инчунин омӯзиши таҷрибаи амалии паҳлуҳои мухталифи мониторинги қонунгузорӣ таъмин карда шудаанд.

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба таҳлили воқеъбинона ва ҳаматарафаи таҳқиқоти назариявӣ ва амалии мониторинги қонунгузорӣ ва амалисозии он асос ёфта, омӯзиши асарҳои илмӣ ва масъалаҳои дар таҳқиқоти диссертатсионӣ гузошташуда, ҳамчунин маводи амалӣ ва тавсияҳоро тасдиқ менамояд. Илова бар ин, нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳои муаллиф, таҳлили ҳолати кунунӣ, дурнамо ва роҳҳои такмили қонунгузории кишвар ба воситаи мониторинги қонунгузорӣ дар бораи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот шаҳодат медиҳанд.

Тавсияҳои пешниҳодшуда дорои хусусияти амалӣ буда, метавонанд дар раванди такмили қонунгузорӣ ва фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ мавриди истифода қарор гиранд. Илова бар ин, натиҷаҳои диссертатсия метавонанд дар фаъолияти таълимӣ, ҳангоми омӯзиши фанҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ, ҳуқуқи конститутсионӣ ва дигар фанҳои ҳуқуқӣ, инчунин дар таҳияи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ истифода шаванд.

**5. Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳаммияти илмии натиҷаҳои диссертатсия дар он ифода меёбад, ки дар он таълимоти мукаммали назариявӣ оид ба мониторинги қонунгузорӣ ҳамчун шакли нави такмил ва самарабахшии фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ инкишоф ёфта, моҳият, табиати ҳуқуқӣ, ҷойгоҳ ва нақши онҳо дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ асоснок карда шудааст. Дар таҳқиқот равишҳои нави методологӣ ба фаҳмиши мониторинги қонунгузорӣ пешниҳод гардида, аҳаммияти он дар рушди қонунгузорӣ муайян шудааст. Хулосаҳои илмӣ метавонанд ҳамчун заминаи назариявӣ барои таҳқиқоти минбаъда дар соҳаи назарияи давлат ва ҳуқуқ ва дигар соҳаҳои ҳуқуқ истифода шаванд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки тавсияҳои коркардшуда ба такмили фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва қонунгузорӣ, тартиби таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, самаранокии фаъолияти қонунэҷодкунии мақомоти ваколатдор бо истифодаи аз мониторинги қонунгузорӣ мусоидат менамояд.

**6. Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Сохтори рисолаи илмии Матробов Матроб Хурамович дар мавзуи: «Мониторинги қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии

Тоҷикистон: таҳқиқоти назариявӣ-ҳуқуқӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат бо мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, аз ҷумла ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ карда шудааст. Диссертатсия аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб ва ҳашт зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 227 саҳифаро ташкил медиҳад.

Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи илмии он, мақсад ва вазифаҳои диссертатсия асоснок гардида, объект ва мавзуи таҳқиқ муайян шудаанд. Ҳамчунин, навоварии илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқ, асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳо, усулҳои таҳқиқ, заминаи меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва сохтори диссертатсия инъикос ёфтаанд.

**Боби якуми диссертатсия – «Тавсифи умумии мониторинги ҳуқуқӣ ва қонунгузорӣ»** ном дошта аз ду зербоб иборат мебошад, дар он мафҳуми мониторинги ҳуқуқӣ ва қонунгузорӣ, моҳияту вазифаҳо ва навъбандиҳои онҳо, ҳамчунин шарҳи алоҳидаи навъҳои мониторинги ҳуқуқӣ ва таносуби онҳо мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Муаллиф фикру ақидаи олимонро дар робита ба мафҳумҳои мониторинги ҳуқуқӣ таҳқиқ карда қайд менамояд, ки аз шарҳу тафсири онҳо якчанд намуд ва мафҳуфҳои мониторинги ҳуқуқиро ҷудо менамояд: гуруҳи якуми онро ҳамчун фаъолияти ҳуқуқӣ, гуруҳи дуюм – навъи технологияи ҳуқуқӣ, гуруҳи сеюм – институти ҳуқуқӣ, гуруҳи чорум – механизми мушоҳида, таҳлил ва рушди ҳуқуқӣ, гуруҳи панҷум – падида ё зуҳуроти алоҳидаи ҳуқуқӣ; гуруҳи шашум – навъи назорати давлатӣ ва ҳуқуқӣ ё усули назорат (бархе усули инноватсионӣ)-и иҷрои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, гуруҳи ҳафтум – шакли махсуси танзими санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ меҳисобанд, ки боиси дастгирист (С. 27).

Муаллиф ба таври асоснок ба хулоса меояд, ки моҳияти дигари мониторинги ҳуқуқӣ дар он зоҳир мегардад, ки он ба баланд бардоштани сатҳу сифати фаъолиятҳои ҳуқуқэҷодкунӣ ва ҳуқуқтатбиққунӣ, ҷоннок гардидани фаъолияти субъектони он, иттилоотонии ҳамаи ниҳодҳои ҷамъиятӣ ва шаҳрвандон дар хусуси қонунгузории мавҷуда, ҳамчунин, баланд бардоштани шуури ҳуқуқӣ ва фарҳангии ҳуқуқии омма ва кормандони мақомоти давлатӣ мусоидат мекунад.

Аз ин рӯ, мониторинги ҳуқуқӣ ба воситаи таҳия ва такмили заминаҳои ҳуқуқӣ ва коркарди тарзу усулҳои гузаронидани он бо ширкати доираи

васеи иштирокдорон амалӣ мешавад. Бинобар ин, барои расидан ба ин ҳадафҳо зарур аст, ки таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ ва таҳқиқоти илмиву муқоисавӣ роҳандозӣ гардад, ки ин ақида ҷолиби дастгирист (С. 32-33).

**Зербоби дуюм боби якум – «Мониторинги қонунгузорӣ ҳамчун шакли мониторинги ҳуқуқӣ: мафҳум, вазифаҳо, унсурҳо ва хусусиятҳои он»** номгузори шуда дар он – муаллиф чунин қайд менамояд, ки мониторинги қонунгузорӣ ҳамчун навъи асосии мониторинги ҳуқуқӣ маҳсуб ёфта, мафҳуму вазифаҳо, унсур ва хусусиятҳои худро дорад.

Қайд гардидааст, ки мониторинги қонунгузорӣ механизми нави баланд бардоштани самаранокии фаъолияти қонунгузорӣ, татбиқи он ба такмили низоми қонунгузорӣ ва рушди маърифати ҳуқуқии ҷомеа мусоидат мекунад.

Дар ин росто муаллиф дуруст қайд менамояд, ки мониторинги қонунгузорӣ дар муқоиса ба дигар намудҳои мониторинги ҳуқуқӣ васеъ буда, ҳамаи фаъолиятҳои марбут ба арзёбӣ ва баҳодиҳии раванди эҷоди меъёрҳои қонун, иттилоотонии ҷомеа аз вазъи қонунгузорӣ, сатҳи риоя ва татбиқи қонунҳоро фаро мегирад. Мониторинги қонунгузорӣ омӯзиши чунин маҳак (параметр)-ҳо ба монанди ҳаҷми қонунгузорӣ, намудҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, миқдори тағйирот, иловаҳо ба санадҳои ҳуқуқӣ ва шумораи санадҳои ҳуқуқии аз эътибор соқитгардида ё аз эътибор соқит донисташуда иборат мебошад (С. 46).

**Боби дуюми диссертатсия «Асосҳои назариявӣ ва ҳуқуқии мониторинги қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** ном дошта аз се зербоб иборат аст. Дар он принсипу усул ва асосҳои мониторинги қонунгузорӣ бар пояи сарчашмаҳои дахлдори илмӣ ва санадҳои сершумори меъёрии ҳуқуқӣ таҳлилу баррасӣ гардидааст.

**Зербоби якум боби дуюм – «Принсипҳои асосии мониторинги қонунгузорӣ»** ном дошта дар он муаллиф қайд менамояд, ки мониторинги қонунгузорӣ низ дорои принсипҳои хос буда, дар раванди он аз тарафи субъектон ба инобат гирифта мешаванд. Принсипҳо моҳияти мониторингро ифода карда, талаботи рафтори субъектонро бо мақсади самарабахшии татбиқи он муайян мекунанд.

Диссертант пас аз таҳлили фикру ақидаҳои олимон ба хулоса омада қайд менамояд, ки дар маҷмуъ, мониторинги қонунгузорӣ ду гурӯҳи асосии принсипҳо: умумӣ ва махсусро дар бар мегирад. Ба принсипҳои умумӣ – қонуният, демократизм, илмият, касбият ва кордонӣ, ошкорбаёнӣ таҳлили маҷмуӣ (комплексӣ), банақшагирӣ, объективизм ва ғ. ва ба принсипҳои махсус – муттасилӣ, низомнокӣ, мақсаднокӣ, такмилдиҳӣ, фарогирӣ ва ғ. дохил мешаванд (С. 58-59).

**Зербоби дуюм боби дуюм – «Усулҳо ва воситаҳои амалигардонии**

**мониторинги қонунгузорӣ»** номгузорӣ шуда дар он дисертант чунин мешуморад, ки мониторинги қонунгузорӣ танҳо тавассути тазру усулҳои хос роҳандозӣ мегардад, ки метавонад ба воситаи онҳо натиҷаҳои муайян ба даст ояд. Дар таҳқиқот қайд гардидааст, ки мониторинги қонунгузорӣ ба усулҳои умумӣ ва махсус ҷудо мешавад.

**Зербоби сеюми боби дуюм «Асосҳои ҳуқуқии мониторинги қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** ном дошта, дар он санадҳои асосии меъёрии ҳуқуқӣ, ки заминаи ҳуқуқии монтиоринги қонунгузориро ташкил медиҳанд, таҳлил карда шудаанд. Дар ин зербоб, муаллиф қайд менамояд, ки Констутусияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалие, ки аз тарафи Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф шудаанд, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳо заминаи асосии ҳуқуқии мониторинги қонунгузориро ташкил дода, аллакай барои ба амал баровардани фаъолияти мазкур меъёру муқаррароти ҳуқуқӣ вуҷуд дорад.

**Боби сеюми рисола ба таҳлили «Механизми мониторинги қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳҳои такмили он»** бахшида шуда дар он мафҳумҳои алоқаманд бо мавзуи таҳқиқот, марҳилаҳо ва равандҳо, таснифи субъект ва объектҳои мониторинги қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва талаботу роҳҳои самарабахши он мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

**Дар зербоби якум боби сеюм, ки «Мафҳуми механизми мониторинги қонунгузорӣ, марҳилаҳо ва равандҳои гузаронидани он»** ном дорад, муаллиф мафҳуми «механизми мониторинги қонунгузорӣ»-ро ҳамчун восита, роҳҳо ва барномаҳои мушаххас асоснок мекунад, ки дар раванди гузаронидани мониторинги қонунгузорӣ аз ҷониби субъектони ваколатдор ба роҳ монда мешаванд.

Унвонҷӯй баъди омӯзиш ва таҳлили фикру ақидаҳои олимони соҳа ба хулоса омада, дуруст қайд менамояд, ки механизми мониторинги қонунгузорӣ роҳу восита ва барномаҳои мушаххасе фаҳмида мешавад, ки дар раванди гузаронидани мониторинги қонунгузорӣ аз ҷониби мақомоти ваколатдор, зерсохтор ва шахси масъул истифода мешавад.

Ҳамзамон, қайд менамояд, ки механизми мониторинги қонунгузорӣ дар маънои васеъаш низоми ташкилию ҳуқуқиест, ки ба таври мунтазам субъектҳои мониторинги қонунгузорӣ бо мақсади омӯзиши қонунгузории амалкунанда, омода ва татбиқи пешниҳод оид ба такмили он, ҳамчунин дурнамои қабули қонунҳои нав амалӣ мегардонанд (С. 111-112).

**Зербоби дуюми боби сеюм – «Таснифи субъект ва объектҳои мониторинги қонунгузорӣ»** ном дошта дар он муаллиф субъект ва объектҳои мониторинги қонунгузориро дар асоси таҳлили амиқи таҷрибаи дигар кишварҳо тасниф кардааст. Дар зери мафҳуми субъекти мониторинги қонунгузорӣ мақомоти ваколатдоре фаҳмида мешавад, ки дар асоси қонун вазифаҳо оид ба амалигардонии омӯзиш ва баҳодиҳии вазъи қонунгузориро дорад. Ба маънои васеъ бошад, субъектҳои мониторинги қонунгузорӣ мақомоти давлатӣ ва созмонҳои байналмилалӣ ва ҷамъиятӣ мебошанд, ки фаъолияти таҳлилӣ, арзёбӣ ва пешгӯии қонунгузориро ба анҷом мерасонанд.

Дар ин росто андешаи муаллиф, боиси дастгирист, ки пажуҳишгоҳ ва марказҳои махсуси илмӣ-таҳқиқотӣ корҳои илмиро дар масоили рушди қонунгузорӣ анҷом дода, самту тамоюлҳои рушди қонунгузориро пешгӯйӣ, тавсияҳо, шарҳҳои таҳлилӣ ва иттилоотиро дар робита ба ин масъала роҳандозӣ менамоянд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси чунин муассисаҳо Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Маркази миллии қонунгузорӣ, факултетҳои ҳуқуқшиносии муассисаҳои олии кишвар баромад мекунанд, ки таҳлилу таҳқиқоти чунин ниҳодҳо манбаи муҳим барои мониторинги қонунгузорӣ мебошанд (С. 151).

**Дар зербоби сеюми боби сеюм «Талабот ва роҳҳои баланд бардоштани самаранокии мониторинги қонунгузорӣ»** таҳқиқ гардида, диссертант қайд менамояд, ки талаботи мониторинги қонунгузорӣ шарт ва маҳакхое мебошанд, ки дар раванди гузаронидани он бояд риоя карда шаванд. Бо риояи ин талабот ҳадафи мониторинг амалӣ мегардад.

Хулосаи диссертатсия натиҷагирии умумии таҳқиқот буда, 8 банди дорои аҳаммияти назарияивиро дар бар мегирад, ки ба ошкор намудани моҳият, табиати ҳуқуқӣ ва нақши мониторинги қонунгузорӣ дар такмили ҳуқуқэҷодкунии мамлакат равона шудаанд. Дар таҳқиқот таҳлили ҳолати кунунӣ, дурнамо ва роҳҳои такмили қонунгузории кишвар ба воситаи мониторинги қонунгузорӣ ҷамъбаст гардидааст.

Ҳамзамон, 7 банди тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот пешниҳод шудаанд, ки ба такмили қонунгузорӣ ва амалияи татбиқи қонунгузории ҷории кишвар тавассути истифодаи самараноки мониторинги қонунгузорӣ нигаронида шудаанд.

**7. Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия.**

Диссертатсияи Матробов Матроб Хурамович дар мавзуи: «Мониторинги қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти назарияви-ҳуқуқӣ», дорои аҳаммияти баланди илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мебошад, ки аз ҳолати муосири фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии

кишвар бармеояд.

**Аҳаммияти илмӣ.** Таҳқиқот аввалин кӯшиши ҳамаҷонибаи таҳлили мониторинги қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Натиҷаҳои бадастомада заминаи назариявӣ ва методологии ҳуқуқшиносии муосирро васеъ менамоянд, ки барои таҳқиқоти минбаъда дар самти истифодаи натиҷаҳои мониторинги қонунгузорӣ дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии кишвар асос мегузоранд.

**Аҳаммияти амалӣ.** Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳо ва тавсияҳои он барои такмил додани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, самараноки амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ ва таҳкими кафолатҳои ҳуқуқии ҳуқуқ ва озодиҳои шахс истифода бурда мешаванд. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд аз ҷониби мақомоти давлатӣ ҳангоми таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, омода намудани хулосаҳои таҳлилӣ ва экспертизаҳои ҳуқуқӣ ба кор бурда шаванд.

**Аҳаммияти иқтисодӣ.** Аҳаммияти иқтисодии натиҷаҳои таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки татбиқи самараноки натиҷаҳои мониторинги қонунгузорӣ ба таҳкими волоияти қонун, суботи ҳуқуқӣ ва пешгӯишавандагии муносибатҳои иқтисодӣ мусоидат менамояд. Ин ҳолат барои беҳтар шудани фазои сармоягузорӣ, ҳифзи ҳуқуқи иштирокчиёни муносибатҳои иқтисодӣ ва коҳиш ёфтани хавфҳои ҳуқуқӣ аҳаммияти муҳим дорад.

**Аҳаммияти иҷтимоӣ.** Аҳаммияти иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия дар тақвияти ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, таҳкими адолати иҷтимоӣ ва баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии ҷомеа ифода меёбад. Истифодаи натиҷаҳои мониторинги қонунгузорӣ ҳамчун меъёри танзими ҳуқуқӣ ба таъмини баробарӣ, қонуният ва эътимоди шаҳрвандон ба ташаккули давлати ҳуқуқбунёд дар Тоҷикистон заминаи устувор фароҳам меорад.

**8. Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.**

Нуктаҳои асосии назариявӣ ва амалии ба ҳимоя пешниҳодшудаи муаллиф дар 19 мақолаи илмӣ, ки аз он 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 13 мақола дар маҷаллаҳои дигар ба табъ расонида шудаанд. Ҳамчунин, ҳаммуаллифи ду тафсири қонун, як таҳлили қонунгузорӣ, як воситаи таълимӣ, мураттиб, мутарҷим ва муаллифи зиёда аз сад мақолаҳои энсиклопедиву оммавӣ мебошад.

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

**[1-М].** Матробов, М.Х. Таълимот ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқ (масоили назариявӣ) [Матн] / М.Х. Матробов // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2021. – № 3 (38). – С. 81-84. ISSN2305-0535.

**[2-М].** Матробов, М.Х. Ташаккул ва рушди таълимоти ҳуқуқӣ ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқ дар таърихи давлатдории тоҷикон [Матн] / М.Х. Матробов // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2022. – № 1 (41). – С. 178-181. ISSN2305-0535.

**[3-М].** Зоир Ҷ.М., Матробов М.Х. Талаботҳои асосии мониторинги қонунгузорӣ [Матн] / Ҷ.М. Зоир, М.Х. Матробов // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2023. – 4 (48). – С. 84-88. ISSN 2412-141X.

**[4-М].** Матробов, М.Х. Мониторинги қонунгузорӣ ҳамчун шакли мониторинги ҳуқуқӣ: ҷанбаҳои назариявӣ ва амалӣ [Матн] / М.Х. Матробов // Қонунгузорӣ. – 2023. – № 1 (49). – С. 16-23. ISSN 2410-2903.

**[5-М].** Зоир, Ҷ.М., Матробов М.Х. Субъектони мониторинги қонунгузорӣ [Матн] / Ҷ.М. Зоир, М.Х. Матробов // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2023. – № 4 (60). – С. 21-29. ISSN 2410-2903.

**[6-М].** Матробов, М.Х. Марказҳои илмӣ ва таҳлилӣ ҳамчун субъекти мониторинги қонунгузорӣ [Матн] / М.Х. Матробов // Қонунгузорӣ. – 2024. – № 4 (49). – С. 42-46. ISSN 2410-2903.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмӯаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

**[7-М].** Матробов, М.Х. Рушди заминаҳои ҳуқуқии муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо созмонҳои хайриявию хусусӣ дар даврони истиқлолият [Матн] / М.Х. Матробов // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – Д., 2017. – №1. – С. 139-141. ISSN 0235 – 0G5X.

**[8-М].** Тоҳиров, Ф.Т., Матробов М.Х. Таълимоти ҳуқуқӣ ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқ: моҳият ва тадбиқи он дар таърихи давлатдории тоҷикон ва Тоҷикистони соҳибистиқлол [Матн] / М.Х. Матробов // Рушди илми ҳуқуқ дар 30 соли Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон (маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон). – Душанбе, Шоҳин-С. 2022. – С. 258-269.

**[9-М].** Матробов, М.Х., Одиназода Ш.Х., Исмоилӣ И., Абдуллоев Р. Инъикоси робитаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва баррасии мушкилоти глобалӣ дар Паёми Пешвои Милат ба Маҷлиси Олӣ [Матн] / М.Х. Матробов // Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ. – 2022. – № 2. – С. 219-222.

**[10-М].** Матробов, М.Х., Абдуллоев Р. «Ташаббусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ оид ба масъалаҳои об» [Матн] / М.Х.

Матробов // Паёми Филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе. – 2022. – Т. 2. – №2 (24). – С. 91-97.

**[11-М].** Матробов, М.Х. Ташаббусҳои ЮНЕСКО – Дафтари СММ оид ба илм, маориф ва фарҳанг дар самти ҳимояи забонҳои модарӣ [Матн] / М.Х. Матробов // Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ. – 2022. – № 2. – С. 215-219.

**[12-М].** Матробов, М.Х. Ташаккули ҳукумати электронӣ дар мамлакатҳои хориҷӣ» [Матн] / М.Х. Матробов // Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, 2022. – № 2. – С. 241-245. ISSN 2709-6246.

**[13-М].** Матробов, М.Х. Санадҳои байналмилалӣ оид ба муқовиммат ба терроризму экстремизм [Матн] / М.Х. Матробов // «Рушди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муқовиммат ба эксремизм ва терроризм: мушкилот ва дурнамо»: маводҳои конференсияи ҷумҳуриявӣ (05 авпрели соли 2024). – Душанбе: Меҳроҷ-Граф, 2023. – С. 107-116.

**[14-М].** Матробов, М.Х. Мониторинги ҳуқуқӣ ҳамчун шакли нави технологияи ҳуқуқӣ (масъалаҳои назариявӣ) [Матн] / М.Х. Матробов // Ҳуқуқи инсон ва ҷаҳонишавӣ: маводи V-умин конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ бахшида ба Рӯзи ҳуқуқи инсон // Зери назари умумии д.и.ҳ., дотсент Ф.Р. Шарифзода. – Душанбе: Нашриёти ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2023. – С. 148-152.

**[15-М].** Матробов, М.Х. Танзими байналмилалӣ-ҳуқуқии бешаҳрвандӣ ва таҳлили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳимояи ҳуқуқҳои шахсони бешаҳрванд [Матн] / М.Х. Матробов // Масоили мубрами давлат, ҷомеа ва ҳуқуқи муосир. – 2024. – № 2 (2). – 63-69. ISSN 3105837X.

**[16-М].** Матробов М.Х. Принсипҳои сиёсати давлатӣ дар соҳаи инноватсия [Матн] / М.Х. Матробов // Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Масъалаҳои мубарми танзими ҳуқуқии тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти илмию техникӣ ва паркҳои технологӣ: ҳолат, мушкилот ва дурнамо» (Бахшида ба 15-солагии таъсисёбии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон гардидани соли 2024), (24 декабри соли 2024) // Зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент Саидзода И.Ҳ. – Д.: «Меҳроҷ-граф», 2024. – С. 84-89. ISBN 978-99985-976-4-2.

**[17-М].** Матробов, М.Х. Асосҳои ҳуқуқии мониторинги қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / М.Х. Матробов // Паёмшиносӣ. – 2025. – №1 (1). – С.139-153. ISSN 3105-8205.

**[18-М].** Қосимов, А.Ф., Матробов М.Х. Маънидодкунии зуҳуроти давлатӣ-ҳуқуқӣ ва таълимоти маърифати давлату давлатдорӣ дар таҳқиқоти Зоир Ҷурахон Маҷидзода [Матн] / А.Ф. Қосимов, М.Х.

Матробов // Масоили мубрами давлат, ҷомеа ва ҳуқуқ. – 2025. – №1 (1). – С.60-70. ISSN 3105837X.

**[19-М].** Матробов, М.Х. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – асоси ислоҳот дар соҳаи маориф [Матн] / М.Х. Матробов // Паёми Пешвои миллат: қутбнамои рушди миллии кишвар. Маҷмуаи мақолаҳои илмӣ ва оммавӣ дар партави Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 28 декабри соли 2024. Таҳти назари доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор У.С. Асрорзода ва доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Н.А. Қудратов. – Душанбе, 2025. – С. 187-190.

Шумораи маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**9. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Диссертатсияи Матробов Матроб Хурамович ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-назариявӣ ва амалӣ сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

**Автореферат,** ки аз диссертатсия бармеояд ба муҳтавои диссертатсия мувофиқат мекунад ва ба талаботи Тартиби додни дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистн аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

**Дар баробари ҷанбаҳои зиёди мусбат доштани таҳқиқоти диссертатсионӣ баъзе масъалаҳои баҳснок ба мушоҳида мерасад.** Бо назардошти андешаҳои боло як қатор нуктаҳои илмии мубоҳисавӣ пешниҳод мешаванд, аз ҷумла:

**1.** Диссертант дар автореферат ва диссертатсия доир ба мафҳуми мониторинги қонунгузорӣ ва алоқамандии он бо дигар намудҳои мониторинги ҳуқуқӣ бо назардошти нуқтаи назари олимон дар робита ба мафҳум ва намудҳои мониторинги ҳуқуқӣ чанд гурӯҳро нишон додааст (саҳифаи 27 диссертатсия). Хуб мешуд, ки муаллиф ҳангоми ҳимояи ошкоро мавқеи назариявии худро оид ба аҳаммияти намудҳои алоҳидаи

мониторинги ҳуқуқӣ дар такмили мониторинги қонунгузорӣ муайян мекард.

**2.** Диссертант дар саҳифаи 154-155 рисола қайд менамояд, ки вобаста ба принсипи конститутсионии тақсимоти ҳокимият субъектҳои мониторинги қонунгузорӣ мақомоти қонунгузор, иҷроия ва судӣ баромад менамоянд, ки дар таркиби онҳо зерсохтор, воҳидҳои алоҳида, мақомот ва идораҳои махсусгардонидашуда фаъолияти мониторинги қонунгузориро анҷом дода метавонанд. Дар ин замина мехостем муаллиф ҳангоми ҳимояи ошкоро мавқеи назариявии худро оид ба мақомоти судӣ ҳамчун субъекти мониторинги қонунгузорӣ ифода намояд.

**3.** Унвонҷӯй дар навгонии сеюм, ҳангоми гурӯҳбандии марҳилаҳои асосии мониторинги қонунгузорӣ «марҳилаи таҳияи пешниҳод оид ба такмили қонунгузорӣ»-ро мадди назар намудааст. Аз ин рӯ, тавсия дода мешавад, ки дар таҳқиқоти минбаъда ба ин масъала таваҷҷуҳ намояд С. 14-15).

**4.** Дар интишороти муаллиф тартиби хронологии маводи нашршуда риоя нашудааст, ки аз хатогиҳои техникӣ буда, ҳангоми нашри автореферат ва рисола ислоҳ карда шаванд.

Албатта эродҳое, ки дарҷ гардидаанд, хусусияти мубоҳисавӣ дошта, аҳаммияти илмии таҳқиқоти диссертатсиониро коста намегардонанд ва баҳои мусбати таҳқиқотро тағйир намедиҳанд.

**Дар маҷмуъ, диссертатсияи Матробов Матроб Хурамович дар мавзуи: «Мониторинги қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти назариявӣ-ҳуқуқӣ»,** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
Профессори кафедраи назарияи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Р.М. Раҷабзода

Суроға: 734012, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, н. Сино, кӯчаи Сино
Тел.: (+992) 918611853 E-mail: rrm_67@mail.ru

Имзои Раҷабзода Р.М.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ
ва корҳои махсуси Академияи
идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон А.Н. Насурдинзода

**Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
кӯчаи Саид Носир, 33
телефон: +992 (37) 224-17-86
E-mail: info@apa.tj http://www.avkd.tj

«14» феврали 2026 с.